**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Бойматова Дилрабо Меликмуродовна дар мавзӯи “Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ ва повести “Бегона”-и Албер Камю)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Воҳидҳои фразеологӣ яке аз воҳидҳои забоние мебошанд, ки барои таҳқиқ муносиб ва актуалӣ ба шумор меравaнд, зеро ҷанбаҳои гуногуни забон, фарҳанг, таърих, расму оини ҳар як халкро дар худ таҷассум намуда, барои омӯзиш дар мисоли забонҳои гуногун маводи универсалиеро фаро мегиранд.

Мусаллам аст, ки таҳқиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ дар нимаи дуюми асри гузашта сурат гирифта бошад ҳам, то имрӯз бештари паҳлуҳои норавшани ин бахши забоншиносии муосир аз қабили тахлилу омузиши киёсии вохидхои фразеологии осори мансур дар забонхои гуногунсохтор аз назари муҳаққиқон то андозае дур мондааст ва хушбахтона, рисолаи таълифнамудаи унвонҷӯ Бойматова Д. М., ки ба хусусиятҳои воҳидҳои фразеологии забонхои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ ва повести “Бегона”-и Албер Камю)”, бахшида шудааст, рисолаи саривақтӣ ва актуалӣ ба шумор меравад.

**Мубрамии мавзӯи диссертатсияи** Бойматова Дилрабо дар он аст, ки асарҳои номбурда дар адабиёти тоҷику Фаронса баҳои баландро соҳибанд ва омӯзиши онҳо дар рушди забону адабиёт ва фарҳанги мутақобилаи ин халқҳо саҳми босазо хоҳад гузошт. Солҳои охир дар омӯзишу пажӯҳиш ва тарҷумаву нашри асарҳои адибони Фаронса ба забони тоҷикӣ ва ҳамчунин тарҷумаву омӯзиши асарҳои адибони

классику муосири тоҷик ба забони фаронсавӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шуда истодааст, ки диссертатсияи мазкур аз ҷумлаи чунин падидаҳо ба шумор меравад.

Илова ба ин, диссертант заҳматҳои зиёде ба ҳарҷ додааст ва барои таҳқиқ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, ба онҳо ба пуррагӣ ноил гаштааст. Дастовардҳои илмӣ ва амалии кори тақризшаванда назаррасанд, зеро, чунон ки аз диссертатсия бармеояд, натиҷаҳои таҳқиқотро дар мавриди омӯхтани воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва муқоисаи онҳо дар забони фаронсавӣ, хондани курсҳои махсус оид ба фразеологияи тоҷик, тайёр кардани дастуру лексияҳо барои фанни “Иборахои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ” мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ҳамчунин ҳангоми коркарди масъалаҳои муқоисавии фразеология метавон истифода намуд.

Диссертатсия аз муқаддимаи мухтасар, се боби муфассал ва зерфаслу зербандҳо, хулосаҳои бобҳо, натиҷагирии диссертатсия ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима доир ба муҳиммияти мавзӯи таҳқиқшуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, методи таҳқиқ, навовариҳо, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот, нукоте, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд ва дигар бахшҳои анъанавӣ маълумот дода мешавад.

**Боби аввали диссертатсия «Воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ»** ном дошта, дар ин боб ва се фасли он дар бораи воҳидҳои фразеологӣ маълумоти мухтасар дода шудааст ва инчунин дараҷаи омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Диссертант оид ба воҳиди фразеологӣ дар умум маълумот дода, аз таърихи омӯзиши масъалаи мазкур ёдовар шудааст ва назарияҳои олимони барҷастаи ин

риштаи тадқиқот, аз ҷумла Ш.Балли, В.Виноградов, Ю.Рубинчик, М.Фозилов, А.Мирзоев, Д.Тоҷиев, Ш.Ниёзӣ, Н.Маъсумӣ, Ҳ.Маҷидов ва ғайраро таҳлил намудааст. Дар боби мазкур воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ ба таври алоҳида матраҳ гардидааст, ки ҷолиби диққат мебошад.

**Боби дуюми диссертатсия** – «Баррасии маъноии воҳидҳои фразеологии романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ дар муқоиса ба тарҷума ва нашри фаронсавии он» ном дошта, ба таҳқиқу баррасии воҳидҳои фразеологии романи «Духтари оташ» ва тарҷумаи фаронсавии он бахшида шудааст.

Дар боби мазкури диссертатсия ва фаслҳои он муқоисаи як қатор воҳидҳои фразеологӣ аз рӯи семантика ва таҳлили муқоисавии зарбулмасалу мақолҳои романи «Духтари оташ» дар забони фаронсавӣ баррасӣ шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия** «Баррасии маъноии воҳидҳои фразеологии повести «Бегона»-и Албер Камю дар муқоиса ба тарҷумаи тоҷикии он» ном дорад ва фаслҳои он ба таҳқиқу баррасии воҳидҳои фразеологии повести «Бегона»-и Албер Камю, монандӣ ва гуногунии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар намунаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва «Бегона»-и Албер Камю бахшида шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷагириҳои таҳқиқу омӯзишро ба таври мухтасар ва ҳамчунин пешниҳодоти хешро бобати беҳбуди кайфияти мавзӯи мавриди баррасӣ ироа доштааст.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро кардааст ва як кори муфид ва ба анҷомрасидаи илмиро пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра мувофиқат мекунад.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия такрори фикру андеша ба мушоҳида мерасад (саҳ. 17, 18, 29, 30, 38 ва ғ.).
2. Маводи фразеологии забони муқоисашаванда - фаронсавӣ (русӣ) тибқи талаботи мавҷуда дар шакли тарҷумаи таҳтуллафзӣ оварда шавад. Мутаассифона, ин принсип дар бештари маврид риоят нашудааст.
3. Дар баъзе саҳифаҳои рисола маводи фразеологии забони тоҷикӣ дар шакли омиёна ва шевагӣ оварда шудааст (саҳ. 43, 44, 60 ва ғ.).
4. Унвонҷӯ дар рисола маводи зиёдеро гирдоварӣ намудаанд, вале ҳангоми таҳлилу баррасии мисолҳо дар баъзе мавридҳо маъхаз ва саҳифаҳои асари мавриди назар ишорат нашудаанд (саҳ.42, 55, 67).
5. Бо вуҷуди он, ки муаллифи рисола хеле дақиққор аст, дар саҳифаҳои рисола баъзе нуқсонҳои дорои хусусиёти техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ.3, 6,7, 15, 18, 37, 62 ва ғ.).

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва қимати илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Диссертант принсипҳои кори илмӣ хуб медонанд, маводи мавҷударо ба таври илмӣ баррасии илмӣ карда метавонад ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро пурра иҷро намудааанд.

Фишурдаи диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Бойматова Дилрабо Меликмуродовна бармеояд, ӯ доир ба мавзӯи таҳқиқотии худ 7 номгӯйи

корҳои илмӣ ва илмӣ - оммавӣ нашр намудааст, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ ба табъ расидаанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бойматова Дилрабо Меликмуродовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муовини ректор оид ба илм
ва инноватсияи Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Маҳмадҷонов
доктори илмҳои филологӣ, профессор Олимҷон Обидҷонович

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 16/7
Тел /факс (992 37) 232-50-29
E-mail: ilm@ddzt.tj (+992) 918850046

Имзои профессор Маҳмадҷонов
Олимҷон Обидҷоновичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи
давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи С. Улуғзода Ш. Наҷмуддинов

26.01.2020